*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №148 (4888) | ДУШАНБЕ, 9 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# БАРРАСИИ БАРНОМАИ ҚАРЗГИРӢ ВА БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ БАРОИ СОЛИ 2025

**Чоруми декабри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиқ Раҳмонзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 8 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027**

**3. Дар бораи Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027», ки дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» ва меъёрҳои дар «Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» муқарраршуда таҳия шудааст, пешниҳод мегардад.

Барномаи пешниҳодшуда 42 созишномаи қарзиро ба маблағи умумии 3,7 млрд. доллари амрикоӣ, аз ҷумла 36 созишномаи қарзии амалкунанда ба маблағи умумии 2,1 млрд. доллар ва 6 созишномаи дар сатҳи лоиҳавӣ қарордошта ба маблағи 1,6 млрд. доллари амрикоиро дар бар мегирад.

Аз шумораи умумии лоиҳаҳои дар сатҳи лоиҳавӣ қарордошта дар моҳи октябри соли ҷорӣ созишномаҳои қарзӣ бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд барои татбиқи лоиҳаҳои «Беҳтаркунии низоми обтаъминкунӣ дар шаҳри Бохтар» ба маблағи 4,3 млн. доллари амрикоӣ ва «Беҳтарнамоии низоми обтаъминкунӣ дар ноҳияи Данғара» ба маблағи 4,3 млн. доллар ба имзо расонида шуданд.

Маблағҳои қарзии то ба имрӯз ҷалбгардида имтиёзнок буда, муҳлати амали онҳо аз 15 то 40 солро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, давраҳои имтиёзӣ барои баргардонидани қарзҳои асосӣ аз 4 то 10 сол ва меъёри фоизи онҳо аз 0,75 то 2,0 фоизи солонаро ташкил менамояд.

Маҷмӯан, нишондиҳандаҳои зикршуда ба талаботи Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ ва тавсияҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Дар доираи барномаи пешниҳодшуда азхудкунии маблағҳои қарзӣ барои солҳои 2025 - 2027 маҷмӯан дар ҳаҷми 1,3 млрд. доллари амрикоӣ, аз ҷумла дар соли 2025 дар ҳаҷми 434,0 млн. доллар, дар соли 2026 – 447,5 млн. доллар ва барои соли 2027 дар ҳаҷми 421,3 млн. доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027 маҷмӯан барои се соли оянда маблағ дар ҳаҷми 1,4 млрд. доллари амрикоӣ пешбинӣ гардидааст.

Нишондиҳандаҳои «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027» дурнамоӣ буда, вобаста ба ҷалб гардидани маблағҳои иловагӣ барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла барои идомаи сохтмони НБО «Роғун», бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бозбинӣ карда мешавад.

Дар моҳҳои январ - ноябри соли ҷорӣ бо мақсади маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятдоштаи кишвар 11 созишномаи қарзӣ ба маблағи умумии 398,4 млн. доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуданд.

Дар давоми моҳҳои январ – ноябри соли ҷорӣ аз ҳисоби маблағҳои қарзии ҷалбшуда дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда 118,3 млн. доллари амрикоӣ аз худ карда шуд.

Ҳамзамон, дар ин давра барои хизматрасонии қарзи беруна аз ҳисоби буҷети давлатӣ 263,2 млн. доллар пардохт карда шуд, ки аз он 177,0 млн. доллари амрикоӣ қарзи асосӣ ва 86,2 млн. доллари амрикоӣ фоизи қарзро ташкил медиҳад.

Уҳдадориҳои берунаи молиявии кишвар дар доираи нақшаҳои тарҳрезигардида амалӣ шуда, уҳдадориҳои батаъхирафтода мавҷуд нест.

Ба ҳолати 1 декабри соли ҷорӣ ҳаҷми умумии қарзи давлатии кишвар ба 3,6 млрд. доллари амрикоӣ ё 27,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар гардидааст. Аз он 3,2 млрд. доллари амрикоӣ ё 89 фоиз қарзи берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (24,3 фоизи ММД) ва 400,0 млн. доллари амрикоӣ ё 11 фоиз (2,9 фоизи ММД) қарзи дохилиро ташкил менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар робита ба таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар ва танзими раванди ҷалби маблағҳо ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, соли 2024 рейтинги пардохтпазирии ҷумҳурӣ ва дурнамои он аз ҷониби агентиҳои рейтингии байналмилалии «Мудис» ва «Стандарт енд Пурс» устувор баҳогузорӣ гардид, ки ин барои ҷалби маблағҳои қарзию грантӣ заминаи мусоид ва фазои иловагии молиявиро фароҳам меоварад.

Лоиҳаи пешниҳодшуда дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 октябри соли ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли ҷорӣ, таҳти рақами 581 маъқул дониста шудааст. Аз ин лиҳоз ва бо назардошти маълумоти манзуршуда, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи барномаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» таҳия гардида, бо назардошти афзалиятҳои асосие, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувор муқаррар гардидаанд, ба инобат гирифта шудаанд.



Мақсади асосии барнома баланд бардоштани самаранокӣ ва назорати мунтазами раванди ҷалби қарзҳои беруна ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, пешгирии ҷамъшавии беназорати қарзи беруна мебошад, ки дар талаботи зерини «Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» инъикос гардидааст:

Амалинамоии босамари барнома имкон медиҳад, ки ҳангоми маҳдуд будани имкониятҳои молиявии буҷети давлатӣ ва захираҳои қарзии дохилӣ маблағгузории барномаҳои иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ва дар муҳлатҳои муқарраршуда амалӣ гардида, дар баробари ин рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои нақлиёт, энергетика ва кишоварзӣ таъмин гардад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо лоиҳаи барномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи барномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи барномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дурнамо ва татбиқи сиёсати буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат, яъне дар давраи солҳои 2025 - 2027 ба амалӣ намудани афзалиятҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян гардидаанд, аз ҷумла дар робита ба расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)



# КМИР ХАБАР МЕДИҲАД

**Тавре иттилоъ доред, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2024, таҳти №882, интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 2 марти соли 2025 ва интихоботи даъвати нави аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2025 таъин гардид.**

6-уми декабри соли 2024 таҳти роҳбарии раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёрзода ҷаласаи комиссияи марказӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳо вобаста ба интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ҷаласаи мазкур нақшаи тақвимии чорабиниҳо оид ба омодагӣ ва гузаронидани интихобот тасдиқ гардид, ки он масъалаҳои ташкил ва баргузор намудани интихоботро дар ҳамаи зинаҳои мақомоти намояндагӣ дар бар гирифтааст.

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори комиссияи марказӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ 41 ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, як қатор санадҳои дастурӣ барои комиссияҳои поёнии интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурамалҳои намунавӣ барои комиссияҳои интихоботии вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоатҳо, аз ҷумла «Дастурамали Комиссияи ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дастурамали Комиссияи участкавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳое, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шудаанд», «Тартиби пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳои бо роҳи худпешбарӣ пешниҳодшуда» ва ғайра баррасӣ ва тасдиқ карда шуданд.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бо риояи талаботи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон, инчунин, фароҳам овардани шароити баробар барои субъектҳои раванди интихобот ҳамаҷиҳата мусоидат хоҳад кард.

**КМИР**



# ИШТИРОКИ ВАКИЛОН ДАР ҶАЛАСАИ ПАРЛУМОНИИ ИА



**5-уми декабри соли 2024 ҳайати парлумонии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ дар кори ҷаласаи ҳамкориҳои парлумонии Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Шоҳигарии Белгия баргузор гардид, иштирок намуданд.**

Дар доираи сафари корӣ ҳайати парлумонии Тоҷикистон бо президенти Сенати Белгия Валерӣ Де Бю ва раиси Маҷлиси намояндагони Белгия Петер Де Рувер мулоқот намуданд.

Зимни мулоқотҳо дурнамои рушди робитаҳои байнипарлумонӣ ва маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба, фаъолияти гурӯҳи дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистону Белгия, тавсеаи ҳамкории ҳар ду кишвар дар соҳаҳои мавриди эҳтимом матраҳ гардид.

Мавриди зикр аст, ки 2-юми декабри соли 2024 дар шаҳри Брюссел ҷаласаи XI Кумитаи ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо баргузор гардид. Дар ин нишаст ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ ва ҷониби Иттиҳоди Аврупоро Ҷузепина Принчӣ, Раиси ҳайати Парлумони Аврупо оид ба равобит бо Осиёи Марказӣ ва Муғулистон, роҳбарӣ карданд.

Дар рафти ҷаласа ҳамкории Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дар доираи абзори байнипарлумонӣ баррасӣ гардида, ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба вазъи кунунӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ, тамоюли ҳамгироӣ, инчунин, мубориза бо таҳдидҳои амниятиро баррасӣ намуданд.

Инчунин, 3-юми декабри соли 2024 ҳайати парлумонии Тоҷикистон бо ноиби президенти Парлумони Аврупо Мартин Ҳойсик вохӯрӣ намуд. Зимни мулоқот ҷонибҳо густариши ҳамкории фарогир ва мутақобилан судмандро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар доираи сафари корӣ, ҳамчунин, дар сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Белгия бо намояндагони диаспораҳои тоҷикон дар Нидерланд ва Белгия мулоқот доир шуд, ки зимни он доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла дастовардҳо ва фаъолияти диаспораҳои тоҷикон, баррасӣ гардид. Мулоқоти мазкур шароити мусоидро барои мубодилаи андеша ва пешниҳодҳо фароҳам овард.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

(Идома аз саҳ. 1)

# БАРРАСИИ БАРНОМАИ ҚАРЗГИРӢ ВА БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ БАРОИ СОЛИ 2025

Дар иртибот ба таъмини ҳадафҳои стратегии кишвар лоиҳаи буҷети миёнамуҳлати давлатӣ ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, вохӯриҳояшон бо аҳли ҷомеаи мамлакат ироа шудаанд, ҳамзамон, баҳодиҳии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, сатҳи таваррум, дурнамои қурби пули миллӣ, нақшаи сармоягузориҳои давлатӣ, иҷрои воқеии нишондиҳандаҳои даромади буҷети солҳои қаблӣ ва баҳодиҳии он то охири соли ҷорӣ, инчунин, меъёрҳои кодексҳои андоз ва гумрук таҳия гардидааст.

Инчунин, дар раванди таҳияи санади мазкур уҳдадориҳо марбут ба таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ дар доираи барномаҳои ҳамкорӣ бо шарикони рушд, суръатбахшии ислоҳот дар бахши идоракунии молияи давлатӣ тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои нави маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, дар сатҳи бехавф нигоҳ доштани ҳаҷми қарзҳои давлатӣ, таъмини сиёсати дохилӣ ва берунии ҷумҳурӣ, инчунин, амнияти миллӣ ва бехатарии кишвар ба инобат гирифта шудаанд.

Самтҳои баҳисобгирии даромади буҷети давлатӣ барои соли 2025 дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки воридоти андозӣ, ғайриандозӣ ва грантҳоро ба танзим медароранд, инчунин, вобаста ба назар гирифтани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳурӣ барои солҳои 2025 - 2027 ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин робита, даромади умумии буҷети давлатӣ барои соли 2025 дар ҳаҷми 49,6 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2024-ум 6,6 миллиард сомонӣ ё 15,4 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар соли 2025-ум 29,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Иҷрои нақшаи қисми даромади ҷории буҷети давлатӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои андозӣ дар ҳаҷми 31,8 миллиард сомонӣ бо афзоиши 5,5 миллиард сомонӣ, воридоти маблағҳои ғайриандозӣ 2,5 миллиард сомонӣ бо афзоиши 647,1 миллион сомонӣ ва ба ҷалби грантҳо барои дастгирии буҷет дар ҳаҷми 1,2 миллиард сомонӣ, инчунин, ташаккули маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 2,9 млрд. сомонӣ бо афзоиши 343,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади таъмини саривақтии пардохтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла нафақа, даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2025 ба маблағи 5,6 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардида, ташаккули он аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба маблағи 5 млрд. 557 млн. сомонӣ ва ба мусоидати молиявӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 30,8 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон, хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа баробар ба даромади он, яъне дар ҳаҷми 5,6 млрд. сомонӣ ба нақша гирифта шуда, мутобиқи моддаи 14 лоиҳаи қонуни мазкур тасдиқ карда мешавад.

Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2025 дар ҳаҷми 21,1 млрд. сомонӣ, қисми хароҷоти он дар ҳаҷми 23,0 млрд. сомонӣ ва касри он дар ҳаҷми 1,9 млрд. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 14,9 млрд. сомонӣ муайян гардидааст, ки он нисбат ба соли 2024 дар ҳаҷми 2,6 млрд. сомонӣ ё 21,0 фоиз зиёд мебошад.

Дар сохтори воридоти буҷети давлатӣ соли 2025, азхудкунии маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 11,2 млрд. сомонӣ, аз он 6,7 млрд. сомонӣ ё 60,0 фоиз маблағҳои грантӣ ва 4,5 млрд. сомонӣ ё 40,0 фоиз маблағҳои қарзӣ ба инобат гирифта шудааст.

Вобаста ба ташаккули нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, нақшаи хароҷоти он бо назардошти имконият ва хавфҳои эҳтимолӣ, инчунин, баҳодиҳии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои соли 2025 дар ҳаҷми 51,6 млрд. сомонӣ бо афзоиши 7,5 млрд. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар сохтори хароҷоти умумии буҷети давлатӣ, маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 37,7 млрд. сомонӣ бо афзоиши 7,4 млрд. сомонӣ ё 24,5 фоиз, барномаҳои сармоягузории давлатӣ 11,2 млрд. сомонӣ бо коҳишёбии 233,2 млн. сомонӣ ё 2,0 фоиз ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 2,7 млрд. сомонӣ бо афзоиши 312,5 млн. сомонӣ ё 12,9 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаҳои иҷтимоӣ 23,9 млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2024-ум 4,9 млрд. сомонӣ ё 26,1 фоиз зиёд буда, 46,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар соли 2025 барои маблағгузории соҳаи маориф 10,9 миллиард сомонӣ бо афзоиши 2,7 миллиард сомонӣ, тандурустӣ 4,3 миллиард сомонӣ бо афзоиши 840,0 миллион сомонӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 6,9 миллиард сомонӣ бо барзиёдии 1,4 миллиард сомонӣ, соҳаи фарҳанг ва варзиш 1,7 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ин раванд барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо равона намудани 15,2 миллиард сомонӣ, аз ҷумла ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия зиёда аз 3,0 миллиард сомонӣ, соҳаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ 1,9 миллиард сомонӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ 8,4 миллиард сомонӣ, кишоварзӣ 1,4 миллиард сомонӣ ва ба соҳаи саноат сохтмон 337,1 миллион сомонӣ, пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон, дар лоиҳаи буҷети давлатии барои соли оянда барои пардохти музди меҳнати кормандони буҷетӣ 13,0 млрд. сомонӣ бо афзоиши 36,0 фоиз ё ба маблағи 3,4 млрд. сомонӣ нисбат ба соли 2024 пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади маблағгузории саривақтии сохтмони иншооти ҷашнии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бунёди иншооти хусусияти иҷтимоӣ ва аҳамияти стратегидошта, дар лоиҳа маблағҳо барои сармоягузориҳои асосии мутамаркази буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 5,1 млрд. сомонӣ бо афзоиши 158,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар лоиҳа маблағгузории дигар моддаҳои хароҷоти вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда ва бо назардошти афзалиятҳои соҳавӣ пешбинӣ шудааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади муътадил нигоҳ доштани қарзи давлатӣ ва хизматрасонӣ аз рӯи онҳо барои солҳои 2025 – 2027 маблағҳои зарурӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар буҷети давлатии соли оянда барои хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ маҷмӯан 3,9 млрд. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 3,0 млрд. сомонӣ барои пардохти қарзи асосӣ ва 971,9 млн. сомонӣ барои пардохти фоизҳо мебошад.

Дар баробари ин, тибқи моддаи 3 лоиҳаи қонун пардохти 1,4 млрд. сомонии берун аз тавозуни буҷетӣ аз ҳисоби уҳдадориҳои молиявии ширкату корхонаҳои давлатӣ, тибқи талаботи созишномаҳои зеркарзӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон, дар лоиҳа барои хизматрасонии қарзи дохилии давлатӣ 499,1 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети давлатӣ 178,7 млн. сомонӣ (106,0 млн. сомонӣ қарзи асосӣ ва 72,7 млн. сомонии фоизи он) ва 320,4 млн. сомонии маблағҳои берун аз тавозуни буҷети давлатӣ, яъне аз ҳисоби фурӯши молу мулки ЧСК «Агроинвестбонк» ва ЧСК «Тоҷиксодиротбонк» пешбинӣ шудааст.

Дар ин раванд, бо мақсади таъмини мувозинати буҷети давлатӣ ҳаҷми касри буҷети давлатӣ барои соли 2025, яъне барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад дар ҳаҷми 1,2 фоизи ММД ё баробар ба 2,0 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Нишондиҳандаҳои дурнамои даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 - 2027 давоми мантиқии лоиҳаи буҷети соли 2025 мебошанд.

Даромади умумии буҷети давлатӣ барои соли 2026 дар ҳаҷми 53,4 миллиард сомонӣ ва дар соли 2027-ум 57,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2026 ба маблағи 54,9 миллиард сомонӣ ва дар соли 2027 дар доираи 59,3 миллиард сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Нишондиҳандаҳои зикршуда тибқи талаботи қонунгузорӣ вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026» аз нав мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Бо назардошти дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027» аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо дастгирӣ ба қабул намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027» таҳия гардидааст.

Дар таҳияи буҷети давлатӣ афзалиятҳое, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд ва дастуру супоришҳояшон ҳангоми вохӯриҳо бо аҳли ҷомеа, супоришҳои протоколии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору барномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таклифу пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархостҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ равона намудани 23,9 миллиард сомонӣ, тасдиқи хусусияти возеҳи иҷтимоӣ будани буҷети соли 2025-ро дорад.



Барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт аз буҷет 15,2 миллиард сомонӣ равона карда мешавад, ки ба мустаҳкам намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, зиёд намудани иқтидорҳои содиротии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Буҷети соли 2025 бо назардошти дар ҳаҷми 166,1 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидани дурнамои маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар барои соли 2025 (8,4 дарсад рушди воқеӣ), даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот дар ҳаҷми 49,6 млрд. сомонӣ бо афзоиш 15,4 дарсад, воридоти андозҳои дохилӣ тавассути мақомоти андоз дар ҳаҷми 22,7 млрд. сомонӣ бо афзоиш 20,4 дарсад, гумрук 10,4 млрд., афзоиш 23,4 дарсад, воридоти ғайриандозӣ 1,2 млрд., афзоиш 34,4 дарсад, лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 11,2 млрд. мутаносибан 60 дарсад грантҳо ва 40 дарсад қарзҳо ба нақша гирифта шудаанд.

Нақшаи қисми хароҷоти буҷети давлатӣ дар заминаи таҳлили паёмадҳои эҳтимолӣ, арзёбии рушди соҳаҳои иқтисод аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 51,6 млрд. сомонӣ ба афзоиш ба андозаи 7,5 млрд. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар сохтори хароҷоти умумии буҷети давлатӣ маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 37,7 млрд. сомонӣ бо афзоиш 24,5 дарсад, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 2,7 млрд. сомонӣ бо афзоиш 12,9 дарсад пешбинӣ гардидааст.

Дар робита ба дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027 нишондиҳандаҳои дурнамои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ давоми мантиқии лоиҳаи буҷети соли 2025 мебошанд.

Дар моддаи 23 лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» бо назардошти сатҳи бекурбшавии соли навбатии молиявӣ, меъёри нишондиҳанда барои ҳисобҳо 75 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд.

27 ноябри соли 2024 лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаҳои якҷояи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдор мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Лоиҳаи қонуни мазкур дар кумита бо тартиби муқараргардида баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Сиёсати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии соҳибкориро яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар муайян намудааст. Вобаста ба ин, аз ҷониби парламенти кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегию барномаҳои соҳавӣ қабул ва тасдиқ гардида, заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст, зеро фаъолияти соҳибкорӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккул ёфтани манбаъҳои андозии буҷети давлатӣ муайян гардидааст. Ҳадафҳои асосии ин дастгирӣ дар фароҳам овардани муҳити мусоид ва таъмини рақобатпазирии соҳибкорӣ ифода ёфтааст. Ҳамчунин, афзоиши ҳаҷми молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолшаванда дар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёд намудани воридоти андоз ба буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо, ҳадафҳои муҳими давлат ба шумор мераванд. Нишондиҳандаҳои имрӯзаи афзоиши устувори ММД имкон медиҳад, ки буҷети давлатӣ низ афзоиш ёбад, зеро он ба сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар эълон намуданд, ки он барои таъмини устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад. Аз ин лиҳоз, дар мисоли кишварҳои ҳамсоя, бо мақсади таъмин намудани шароити мусоид ва рақобатпазир гаштани маҳсулоти ватании воридотивазкунанда, андешидани чораҳои зарурӣ вобаста ба дастгирии соҳибкорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027»-ро ҷонибдорӣ намуда, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавзуна Шамсиддинзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавзуна ШАМСИДДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027»-ро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод.

Мо бояд воқеъбинона хулосабардорӣ намоем, ки новобаста аз пуршиддат гардидани рақобат дар бозори ҷаҳонӣ, болоравии нархҳои маводи асосии истеъмолӣ, номутаносибӣ байни пешниҳод ва талабот, халалдор гаштани робитаҳои иқтисодӣ ва таҳдидҳои нави хусусияти глобалидошта, таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ дар сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат мавқеи асосиро касб кардааст.

Пешбинӣ гардидани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои воридоти номгӯи озуқаи ҳаётан муҳим, дастгирии давлатии рушди як қатор соҳаҳои комплекси агросаноатии мамлакат тасдиқи сиёсати некбинонаи иқтисодии Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соҳаи аграрии мамлакат ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Баробари ин, дар лоиҳаи қонун маблағгузорӣ ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ барои хизматрасонии байторӣ, сиёсати техникӣ ва рушди инфрасохтори кишоварзӣ, илмӣ-амалӣ ва дигар самтҳо барои босамар пеш бурдани соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ имкониятҳои хубро ба миён меоранд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замини лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027»-ро ҷонибдорӣ намуда, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Шодизода дода мешавад. Марҳамат.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ дар меҳвари сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронидани буҷети давлатӣ барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, ҳалли мушкилоти ҷомеа ва иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ дар назди шаҳрвандон мебошад.

Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 мисли солҳои пешин дорои хусусияти иҷтимоӣ буда, ба соҳаҳои аҳамияти иҷтимоидошта - тандурустӣ, маориф, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг ва варзиш нисбат ба хароҷоти дар соли 2024 муайянгардида 4,9 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.



Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 омадааст: «Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Маблағгузории соҳа мунтазам зиёд шуда, вазъи таъмини муассисаҳои тиббии кишвар бо таҷҳизоти ҳозиразамон ва неруи кадрӣ сол ба сол беҳтар мегардад».

Ба соҳаи тандурустӣ, ки аз яке муҳимтарин соҳаҳои иҷтимоӣ мебошад, дар хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2025-ум 4,3 миллиард сомонӣ муқаррар шудааст, ки 8,4 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,6 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ дар ҷаласаи васеъ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027»-ро баррасӣ намуда, онро қобили қабул мешуморад. Аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Баротзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло БАРОТЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ҳуҷҷати муҳими молиявӣ ва дорои ҳадафҳои иҷтимоию башардӯстона мебошад. Дар суханронии вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода тамоми ҷанбаҳои муҳими тақсимбандии соҳавӣ ва маблағгузории бахшҳои алоҳида муфассал баён гардиданд. Ин суханронӣ ва гузориши масъулони кумитаҳои дахлдор собит менамоянд, ки бунёди меҳварии ташаккули буҷети давлатӣ дар пояи дурнамои ҳадафҳои стратегӣ, рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва идоракунии самараноки молиявӣ тарҳрезӣ шудааст. Вобаста ба муҳтавои ин ҳуҷҷати молиявии давлатӣ баёни се омили мусбатро муҳим мешуморем:

Якум, иҷрои дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023 баёншуда оид ба такмил додани фаъолияти молиявӣ имкон фароҳам сохтааст, ки буҷети давлатӣ ҳам аз нигоҳи сохторӣ, ҳам аз мавқеи афзун гардонидани дороиҳо, дар сатҳи сифатан нав таҳия гардад.

Дуюм, новобаста ба шиддат гирифтани бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва вазъияти зудтағйирёбандаи геосиёсӣ дар заминаи давра ба давра амалӣ гардидани ҳадафҳои молиявии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030» буҷети давлатӣ шаффофият ва табақабандии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро ба ваҷҳи писандида ва возеҳу равшан инъикос намудааст. Рейтинги шаффофияти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи баҳогузории Сандуқи байналмилалии асъор 33 холи иловагӣ гирифта, аз ҷойи 106-ум ба ҷойи 90-ум боло баромадааст.

Сеюм, дар партави ташаккули давлатдории дунявии Тоҷикистон идоракунии муваффақонаи буҷети давлатӣ тибқи далолати ояти «Қуръон» «ал-молу ва-л-бануна зинату-л-ҳаёти-д-дунё» – «дороиёт ва шаҳрвандон ороишу осоиши зиндагонии инҷаҳонист» муаррифӣ мешавад. Воқеан, дороиёт (молия) ин шукуфоӣ ва ҳифзи манофеи миллӣ, шаҳрвандон, неру ва сипари меҳани аҷдодианд, ки бо сиёсати мардумсолории Пешвои миллат пайванди ногусастанӣ ва мутобиқати комил доранд.

Кумитаи Маҷлиси намонядагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027»-ро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳишмандам, ки қабули лоиҳаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 335 Дастури Маҷлиси намояндагон модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фирдавс ТОЛИБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Новобаста аз фазои мураккаби сиёсию иқтисодии ҷаҳон ва идомаёбии номуайяниҳои молиявӣ, дар даҳ моҳи соли ҷорӣ дар натиҷаи заҳматҳои содиқона ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамбастагии вазорату идораҳои дахлдор ва пешбурди сиёсати пулию қарзӣ, рушди устувори иқтисоди миллӣ ва муътадилии сатҳи нархҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шуд. Дар ин давра сатҳи таваррум 3,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,4 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯроквории 2,5 фоиз, молҳои ғайрихӯроквории 3,5 фоиз ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 4,5 фоиз ба вуқӯъ пайваст.



Таварруми солона (дар 12 моҳи охир) бошад, дар моҳи октябри соли ҷорӣ ба 3,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,8 банди фоизӣ кам мебошад. Бо назардошти вазъи ҷорӣ пешбинӣ мегардад, ки дар соли 2024 сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқаррааргардида 6,0 фоиз (±2 банди фоизӣ) ҷамъбаст хоҳад гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани муътадилии нархҳо ва кам намудани таъсири омилҳои монетарӣ ба таваррум як қатор чораҳои заруриро андешид. Аз ҷумла, меъёри бозтамвилро дар сатҳи устувор нигоҳ дошта, фишангҳои сиёсати пулию қарзиро самаранок истифода намуд, ки дар натиҷа ба пешгирии болоравии сатҳи таваррум, муътадилии қурби пули миллӣ ва афзоиши захираҳои байналмилалӣ мусоидат намуд.

Дар ҷумҳурӣ ба интиҳои моҳи октябри соли 2024 дар маҷмӯъ, 63 ташкилоти қарзӣ (аз ҷумла 16 бонк ва 47 ташкилоти маблағгузории хурд) фаъолият доранд, ки тавассути 1917 воҳиди сохторӣ ба аҳолии кишвар хизматрасониҳои гуногуни бонкиро пешниҳод менамоянд.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ 43,7 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми уҳдадориҳо бошад, зиёда аз 35,0 млрд. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 22,0 фоиз (7,9 млрд. сомонӣ) ва 23,3 фоиз (6,6 млрд. сомонӣ) зиёд шуданд.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзӣ ба 8,6 млрд. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17,2 фоиз (ё 1,3 млрд. сомонӣ) зиёд шудааст.

Пасандоз ҳамчун сарчашмаи маблағгузории дохилӣ ва ташаккул ёфтани пойгоҳи захиравии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди фаъолияти низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

Ба интиҳои моҳи октябри соли 2024 бақияи умумии пасандозҳо 22,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25,7 фоиз (ё 4,6 млрд.) сомонӣ зиёд мебошад.

Маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии вусъат додани маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёт дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар дар даҳ моҳи соли равон 19,2 млрд. сомонӣ қарзҳо пешниҳод шудаанд (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25,5 фоиз ё 3,9 млрд. сомонӣ зиёд мебошад).

Бо мақсади таъмини иҷрои саривақтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» низоми бонкӣ дар доираи ваколатҳои худ тадбирҳои заруриро амалӣ намуда истодааст.

Тибқи маълумоти оморӣ то 31 октябри соли 2024 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 8,2 млн. ададро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли гузашта 25,1 фоиз зиёд мебошад.

Шумораи умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, ба 11,5 млн. адад расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 47,1 фоиз зиёд мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# БАРРАСИИ БАРНОМАИ ҚАРЗГИРӢ ВА БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ БАРОИ СОЛИ 2025

(Идома аз саҳ. 2)

Бонки миллии Тоҷикистон соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат дар доираи ваколатҳои хеш татбиқи сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ)-ро ҷиҳати ноил шудан ба мақсади асосии худ, яъне нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуддат вобаста ба вазъи дохилии макроиқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон, бо истифода аз механизму фишангҳои сиёсати монетарӣ роҳандозӣ менамояд.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ вобаста ба вазъи макроиқтисодии кишвар самаранок истифода гардида, бо назардошти интизориҳои таваррумӣ дар сатҳи мусбат нигоҳ дошта мешавад (айни замон 9,0 фоизи солонаро ташкил медиҳад).

Сиёсати қурбӣ дар речаи «шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб» татбиқ карда шуда, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муайян мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи речаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки то интиҳои соли 2025 баъд аз бомуваффақият татбиқ намудани ислоҳотҳои зарурӣ аз речаи ҳадафгирии монетарӣ ба речаи ҳадафгирии таваррум гузарад. Дар ин раванд, дар соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 ва 2027) ҳадафи таваррум дар доираи 5,0 фоиз (±2 б.ф.) пешбинӣ карда мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади идомаи амалисозии гузариш ба речаи ҳадафгирии таваррум дар ин давра устувории молиявии низоми бонкӣ ва таъмини пардохтпазирии кӯтоҳмуддати он, муътадилии қурби пули миллӣ, рушди боэътидоли ҳаҷми пул ва нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилиро таъмин хоҳад намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари иҷрои вазифагузориҳои дар боло зикргардида ҷиҳати таъсирбахш намудани сиёсати фоизӣ ва механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ андешидани чораҳои зеринро ба нақша гирифтааст:

- ҷорӣ намудани механизми миёнакунонии захираҳои ҳатмӣ ва мавриди истифодаи доимӣ қарор додани он;
- бунёди низоми (платформаи) махсуси амалиётӣ ҷиҳати ҷоннок намудани бозори байнибонкии қарзӣ;
- ҷорӣ намудани фишангҳои нави пулию қарзӣ барои танзими сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ;
- таҳкими раванди дурнамосозии нишондиҳандаҳои мақсадноки монетарию макроиқтисодӣ;
- идома додани раванди таҳкими сиёсати коммуникатсионӣ;
- татбиқи бандҳои дахлдори «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва бандҳои дигари нақшаи чорабиниҳои «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025».

Дар баробари чорабиниҳои асосии зикргардида, инчунин, нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ барои таъмини хизматрасонии уҳдадориҳои давлат ва муътадилии бозори дохилии асъор, афзоиши миёнаравии молиявӣ, таъмини ҳамоҳангӣ дар татбиқи сиёсати монетарию фискалӣ ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ низ амалӣ мешавад.

Лоиҳаи «Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат» барои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати стратегӣ ва муҳим дар татбиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати монетарӣ ва барои ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоӣ ба ҳисоб рафта, идомаи ислоҳоти дар соҳаи низоми бонкӣ гузаронидашуда мебошад. Бо боварии комил метавон гуфт, ки барои дар амал татбиқ намудани ин амалҳо ва вазифаҳои дигари дар назди низоми бонкӣ гузошташуда тамоми имкониятро сафарбар менамоем.

Бо истифода аз фурсати муносиб барои ҳамкории муфид ва дастгирии доимӣ миннатдории худро изҳор намуда, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Самтҳои зикргардида мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия гардида, мақсаду вазифаҳои сиёсати пулию қарзиро барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

Ҳадаф аз таҳияи ҳуҷҷати мазкур, пеш аз ҳама, расидан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат тавассути механизму воситаҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ мебошад.

Дар соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 ва 2027) ҳадафи таваррум дар доираи 5,0 фоиз (±2 банди фоизӣ) пешбинӣ мешавад.

Бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта ва бетағйир мондани дигар омилҳо дурнамои сатҳи таваррум барои соли 2025 аз рӯйи сенарияҳои оптимистӣ ва заминавӣ дар доираи ҳадафи муқарраршуда пешбинӣ мегардад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо «Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат»-ро ҷонибдорӣ намуданд. Самтҳои мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки «Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли ҷорӣ таҳти рақами 540 маъқул дониста шудааст, пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда бо мақсади мутобиқгардонии матни амалкунандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ба талаботи стандартҳои байналмилалии аудит ва баланд бардоштани сатҳу сифати чорабиниҳои аудиторӣ таҳия гардидааст.

Мутобиқи лоиҳаи пешниҳодшуда ба 7 моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», аз ҷумла ба моддаҳои 1, 10, 14, 19 ва 28 тағйироти хусусияти мутобиқнамоӣ ба стандартҳои байналмилалии аудит, қонунгузории маданӣ ва низоми иҷозатдиҳӣ ворид карда мешавад. Инчунин, дар лоиҳа ба моддаи 6 қонун муқаррароти дахлдор дар бораи гузаронидани аудити технологияҳои иттилоотӣ дар самти киберамният ва амнияти иттилоотӣ пешбинӣ гардидааст. Муқаррароти мазкур дар баробари таъиноти зикршуда ба суръатбахшии раванди рақамигардонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати чорабиниҳои аудиторӣ, аз ҷумла гузаронидани аудит ва таҳияи хулосаи аудиторӣ, ба моддаи 23 қонун муқаррарот дар бораи талаботи ҳадди ақал нисбат ба ширкатҳои аудиторӣ, ки аудити ҳатмии субъектҳои дорои манфиати умумро мегузаронанд, пешбинӣ шудааст.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии аудит гузаронидани аудити ҳатмии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла субъектҳои дорои манфиати умум, таъмини сифатнокии хулосаи аудиторӣ, эътимод нисбат ба хулосаи аудиторӣ ва бахусус таъмини амнияти иттилоотӣ, мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳояшон таҳия гардидааст.

Айни замон яке аз мушкилоти соҳа барои ҷалби ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар бозори дохилӣ ин дар сатҳи зарурӣ муҳайё нагардидани шароит барои рақобати солим мебошад. Бинобар ин, лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати мутобиқгардонии фаъолияти аудиторӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалии аудит, аз ҷумла стандартҳои аудити дохилӣ ва қонунгузории амалкунанда, баланд бардоштани сифати хулосаҳои аудиторӣ ва ба ин васила зиёд намудани эътимоди истифодабаранда нисбат ба хулосаи пешниҳодшуда равона гардидааст.

Лоиҳаи қонунро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2024, таҳти №541 маъқул дониста шудааст, пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади вусъат додани раванди татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, амалигардонии низомҳои иттилоотӣ дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин, таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмӯии бахши давлатӣ (тавозуни давлат) таҳия шудааст.

Мутобиқи лоиҳаи пешниҳодшуда ба 10 моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», тағйиру иловаҳои дахлдори хусусияти таҳриридошта ва мутобиқнамоӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ шудааст.

Тағйироти ба моддаи 8, қисми 2 моддаи 9, қисми 7 моддаи 10, қисми 9 моддаи 12 ва қисми 1 моддаи 21 қонун воридшуда заминаи ҳуқуқиро барои рақамикунонӣ ва ба таври худкор танзим гардидани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ фароҳам меоварад.

Тағйироти ба моддаи 23 қонун воридгардида таркиби ҳисоботи молиявии бахши давлатӣ, аз ҷумла ҳисоботи молиявии ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳое, ки саҳмияҳои онҳо ба давлат тааллуқ доранд, муайян намуда, ҳамзамон, муҳлат ва тартиби пешниҳоди ҳисоботи молиявиро дар бахши давлатӣ танзим менамояд.

Мувофиқи тағйироти ба моддаи 4 қонун пешбинишуда, татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ нисбати субъектҳои хоҷагидорӣ бо тартиби зерин амалӣ мешавад:

1) нисбат ба субъектҳои дорои манфиати умум ва субъектҳои калони хоҷагидорӣ стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ;

2) нисбат ба субъектҳои хурду миёна *(ба истиснои соҳибкорони инфиродӣ)* стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои корхонаҳои хурду миёна;

3) нисбат ба ташкилотҳои буҷетӣ стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ.

Татбиқи минбаъдаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар фаъолияти субъектҳо бо назардошти таҷрибаҳои пешқадами соҳа, бо роҳи бозомӯзии шахсони масъули баҳисобгирӣ, амалигардонии низомҳои иттилоотӣ, мониторинг ва пешниҳоди ёрии методӣ амалӣ карда мешавад.

Гузариши субъектҳои хоҷагидор ба стандартҳои байналмилалӣ барои таъмини шаффофият ва эътимоднокии маълумотҳои ҳисоботҳои молиявии онҳо, инчунин, тадриҷан дастрасӣ пайдо намудан дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ ва бахусус ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ мусоидат менамояд.

Тадбиқи стандартҳои мазкур ҷиҳати ба низоми ягонаи байналмилалӣ мутобиқ намудани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамоянд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода ягон гуфтанӣ доред?

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиқ Раҳмонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Лоиқ РАҲМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» мушаххасу саҳеҳ гардонидани меъёрҳо ва мутобиқгардонии онҳо ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад. Ҳамзамон, барои риояи услуби расмии забони адабии давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани мухолифат дар истифодаи калимаҳои норавшан дар лоиҳаи қонун тағйироти дахлдор ворид карда шудаанд.

Аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Абдуҷаббор Умарзода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдуҷаббор УМАРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Маҳмудзода, П. Шодизода, Н. Холбойзода, А. Умарзода ва К. Исмоилзода пешниҳод гардидааст.

Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур аз мушаххасу саҳеҳ гардонидани меъёрҳо ва мутобиқгардонии онҳо ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад. Дар ин асос мафҳуми «Объектҳои ҷуғрофӣ» сархати якуми моддаи 1 ва моддаи 11 дар таҳрири нав ифода гардида, моддаи 2[1] (Доираи амали қонун) ва моддаи 10[1] (Ҳалли баҳсҳо вобаста ба номҳои объектҳои ҷуғрофӣ) илова карда шудаанд.

Ҳамзамон, барои риояи услуби расмии забони адабии давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани мухолифат дар истифодаи калимаҳои норавшан дар лоиҳаи қонун тағйироти дахлдор ворид шудаанд.

Лоиҳа тамоми расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиқ Раҳмонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Лоиқ РАҲМОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» бо мақсади таҳкими заминаи ҳуқуқии ҳифзи олами ҳайвонот ва бамеъёрдарории истифодаи объектҳои он, ҳамчун яке аз роҳҳои ҳифзи олами ҳайвонот муайян намудани тартиби ҳавасмандгардонии моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар ҳифзи олами ҳайвонот мусоидат менамоянд, бартараф намудани мухолифат, инчунин, бо мақсади мутобиқ сохтани қонуни амалкунанда ба як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод шудааст.

Олами ҳайвоноти кишвар, хусусан, намудҳои нодир ва зери хатари нестшавӣ қарордоштаи он барои нигоҳдории гуногунии биологӣ ва устувории экосистемаҳои табиии кишвар аҳамияти хоса дошта, муаррифгари гуногунии биологии табиати кишвар дар арсаи байналмилалӣ мебошанд.

Пешниҳоди ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот», бешубҳа, ба ҳифзу нигоҳдорӣ ва танзими истифодаи оқилонаи объектҳои олами ҳайвоноти кишвар мусоидат менамояд. Аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мирзоанвар Ахмедов доир ба мавзуи баррасишаванда чӣ гуфтаниед?

**Мирзоанвар АХМЕДОВ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Раҳмон, Маҳмадшоҳ Гулзода ва Низом Қосим таҳия ва пешниҳод гардидааст. Мақсад аз пешниҳод лоиҳаи қонуни мазкур такмили қонуни амалкунанда ва мутобиқгардонии меъёрҳои алоҳидаи он ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, барои мутобиқгардонии меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар риояи услуби расмии забони адабии давлатӣ, дар асоси иваз ва хориҷ намудани баъзе калимаву ибораҳо ворид кардани тағйироти дахлдор пешбинӣ шудаанд.



Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаи ҳуқуқӣ лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Солеҳа Холмаҳмадзода дода мешавад. Марҳамат.

**Солеҳа ХОЛМАҲМАДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Холмаҳмадзода, П. Шодизода, М. Шерализода, М. Ҷавҳарӣ ва М. Маҳмудзода таҳия ва пешниҳод шудааст.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқгардонии меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба талаботи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида мебошад. Лоиҳа бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2024, таҳти №2243 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 октябри соли 2024, таҳти №557, маъқул шуморида шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ мувофиқ бо пешниҳодҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намоядагон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид бораи ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»-ро якҷо бо субъектон ва мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди такмил ва баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба вороид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» тамоми расмиёти дохилиро мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он хароҷоти иловагӣ аз буҷети давлатиро ба миён намеорад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки дар рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҚАРОРИ КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ТАШКИЛ КАРДАНИ ҲАВЗАҲОИ ИНТИХОБОТ ОИД БА ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мувофиқи моддаҳои 12 ва 21 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхаташон аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шудааст, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот ташкил карда шавад:
қароргоҳ – Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 5 522 038 нафар.

2. Барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 41 ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботӣ ташкил карда шавад:

**ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1**
**ноҳияи Фирдавсӣ** пурра;
қароргоҳ – бинои Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 42/2;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 160 541 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Исмоили Сомонӣ №2**
**ноҳияи Исмоили Сомонӣ** пурра;
**қисми ноҳияи Сино** дар ҳудуди маҳаллаҳои Лучоби поён, Деҳи боло, Ҳисорак, Аргувон, Ҳамадонӣ, Меҳробод, Зафар, Чоряккорон, Қазоқон–1 ва Қазоқон – 2, Панҷрӯд, Испечак–1, Испечак–2, Испечаки воридшуда, Навободи боло, Навободи поён, Шараф, микроноҳияҳои 82, 91, 92, 101, 102, 112, 114 ва 116;
қароргоҳ – бинои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 27;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 148 089 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Шоҳмансур № 3**
**ноҳияи Шоҳмансур** пурра;
қароргоҳ – бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 117 713 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Сино №4**
**қисми ноҳияи Сино** дар ҳудуди маҳаллаҳои Навбаҳор - 1, Навбаҳор - 2, Сомон, Гулпарвар, Чортути поён, Нишони Ленин, Маҳмадшоҳ боло - 1, Маҳмадшоҳ боло - 2, Лаби тол, Озодии занон - 1, Озодии занон - 2, Обчакорон, Обчакорон - 1, Конститутсия - 1, Конститутсия - 2, Конститутсия - 3, Арбобхотун - 1, Арбобхотун - 2, Арбобхотун - 3, Арбобхотун - 4, Ҷӯйбодом - 1, Ҷӯйбодом - 2, Ҷӯйбодом - 3, Чавлибой, Гиждалабод, Душанбе - 2, Ободкорон, Лучоби боло, Пахтакор, Борбад, Хуҷандӣ, Фурӯзон, Наврӯз, Чортут, Р. Набиев, Роҳи нав, Яккачинор, Чортеппа, Меҳнатобод, Қарамишкор, Дӯстӣ, Дӯстии воридшуда, Моварооннаҳр, Камонгарон, Ҳаёти нав, Шишхона ва Бунёдкорон, микроноҳияҳои 10, 11,12,13,14 - 31, 15, 32, 33, 34, 53, 54, 70-солагӣ, 71 - 72, 83, 84, 103 ва 104;
қароргоҳ – бинои Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев, шаҳри Душанбе, хиёбони Сино, 43;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 155 891 нафар;

**ДАР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ**

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Турсунзода №5**
**қисми шаҳри Турсунзода** дар ҳудуди маркази шаҳри Турсунзода, ҷамоатҳои деҳоти Навобод, Пахтаобод, 10 – солагии Истиқлолият, Регар, Работ, Сешанбе, Турсун Турдиев ва деҳаҳои Ғайрат, А.Мирзоев, Б.Ғафур, С.Шерозӣ, Т.Туйчиев, Заркамар, Адир, Янгибоғ, Н.Кучаров, Қ.Наимов, Б.Тошев, Оға ва Чашмаи Ҷамоати деҳоти Ҷӯра Раҳмонов;
қароргоҳ – бинои Хонаи фарҳанги шаҳр, шаҳри Турсунзода, кӯчаи М.Турсунзода 145;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон –139 406 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Шаҳринав №6**
**ноҳияи Шаҳринав** пурра; **қисми ноҳияи Ҳисор** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Мирзо Ризо, Мирзо Турсунзода; **қисми шаҳри Турсунзода** дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Қаратоғ ва деҳаҳои Нуробод, Тойчӣ, Обида Нӯъмонова ва Ҷ.Шукурови Ҷамоати деҳоти Ҷ.Раҳмонов;
қароргоҳ – бинои кумитаи заминсозии ноҳия, ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Шаҳринав, кӯчаи И. Сомонӣ;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 143 409 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ҳисор №7**
**қисми ноҳияи Ҳисор** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Ҳисор, Шарора, Алмосӣ, Деҳқонобод, Дурбат, Навобод, Сомон, Хонақои кӯҳӣ, Ҳисор ва Ориён;
қароргоҳ – бинои Осорхонаи шаҳр, шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, хиёбони Ҳ.Назаров – 3;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 167 813 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Сомонӣ №8**
**қисми ноҳияи Рӯдакӣ** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Сомониён, Мирзо Турсунзода, Навобод, Чоргултеппа, Лоҳур, Эсанбой, Зайнабобод, Сарикиштӣ ва Султонобод;
қароргоҳ – бинои Мактаби бачагонаи мусиқии ба номи А.Ашрафӣ, ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи И.Сомонӣ – 32;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 84 831 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Рӯдакӣ №9**
**қисми ноҳияи Рӯдакӣ** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Чоряккорон, Чортеппа, Гулистон, Роҳатӣ, Қиблаӣ; **ноҳияи Варзоб** пурра;
қароргоҳ – бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67, ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 121 856 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ваҳдат №10**
**қисми шаҳри Ваҳдат** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Нӯъмон Розиқ, Баҳор, Ромит, Симиганҷ, Чорсӯ, К. Исмоилов, Чӯянгарон, Гулистон;
қароргоҳ – бинои Кохи маърифати шаҳр, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Сомониён – 14;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 182 525 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Файзобод №11**
**ноҳияи Файзобод** ва **шаҳри Роғун** пурра; **қисми шаҳри Ваҳдат** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Б. Бурунов ва ба номи А. Абдулвосиев; қисми **ноҳияи Нуробод** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Сафедчашма, Меҳробод, Муҷихарф ва Ҳакимӣ;
қароргоҳ – бинои Қасри фарҳанги ноҳия, ноҳияи Файзобод, шаҳраки Файзобод, кӯчаи И.Сомонӣ 54;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 158 485 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Рашт №12**
**ноҳияҳои Рашт, Лахш, Тоҷикобод, Сангвор** пурра; **қисми ноҳияи Нуробод** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Дарбанд, И.Ҳалимов, Ҳумдон;
қароргоҳ – бинои Қасри фарҳанги ноҳия, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кӯчаи И.Сомонӣ 42;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 144 880 нафар.

**ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД**

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Хуҷанд №13**
**шаҳри Хуҷанд** пурра:
қароргоҳ – бинои Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ», шаҳри Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 36;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 117 350 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Бобоҷон Ғафуров №14**
**қисми ноҳияи Бобоҷон Ғафуров** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Ғафуров, Хистеварз, Зарзамин, Исфисор, Овчиқалъача ва Ёва;
қароргоҳ – бинои Раёсати молияи ноҳия, ноҳияи Б.Ғафуров, шаҳраки Ғафуров, кӯчаи Роҳи оҳанчиён 3а;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон –127 338;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ӯрунхоҷаев №15**
**қисми ноҳияи Бобоҷон Ғафуров** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Ғозиён, Унҷӣ, Д.Холматов, Ҳ. Усмонов, Исмоил ва Чашмасор; **шаҳри Бӯстон** пурра;
қароргоҳ - Муассисаи давлатии «Қасри маданияти Арбоб», ноҳияи Б.Ғафуров, деҳоти Унҷӣ, кӯчаи Ленин 106;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 135 424 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ҷаббор Расулов №16**
**ноҳияи Ҷаббор Расулов** пурра; **қисми ноҳияи Зафаробод** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти Зафаробод, Равшан ва Ҳ.Алиев;
қароргоҳ – бинои Қасри фарҳанги «Гулистон», ноҳияи Ҷаббор Расулов, Ҷамоати шаҳраки Меҳробод, маҳаллаи Навоӣ, кӯчаи Ленин б/р;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 119 662 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ашт №17**
**ноҳияи Ашт** пурра;
қароргоҳ – бинои Муассисаи давлатии вилоятии «Театри мусиқӣ – драмавии ба номи М. Воҳидов», ноҳияи Ашт, шаҳраки Шайдон, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 24;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 110 908 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Мастчоҳ №18**
**ноҳияи Мастчоҳ**, **шаҳрҳои Истиқлол ва Гулистон** пурра;
қароргоҳ – бинои Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии агросаноатии Мастчоҳ», ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон, кӯчаи С. Акрамов 2;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 122 428 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Конибодом №19**
**шаҳри Конибодом** пурра;
қароргоҳ– бинои Коллеҷи технологии ба номи А.Қаҳҳоров, шаҳри Конибодом, хиёбони И.Сомонӣ 208;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 133 639 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Исфара №20**
**шаҳри Исфара** пурра;
қароргоҳ – бинои Қасри фарҳанги шаҳр, шаҳри Исфара, кӯчаи Марказӣ 27;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 165 203 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Панҷакент №21**
**қисми шаҳри Панҷакент** дар ҳудуди маркази шаҳр, ҷамоатҳои деҳоти Амондара, Ёрӣ, Сӯҷина, Саразм, Хурмӣ, Шинг, Косатарош, Фароб, Халифа Ҳасан, Моғиён ва Чинор;
қароргоҳ – бинои Маҷмааи эҷодии фарҳангии ба номи Л.Шералӣ, шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 102;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 144 066 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Айнӣ №22**
**ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ** пурра; **қисми шаҳри Панҷакент** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Рӯдакӣ, Ворӯ ва Л.Шералӣ;
қароргоҳ – бинои Раёсати кишоварзии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ 57;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 108 022 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Истаравшан №23**
**қисми шаҳри Истаравшан** дар ҳудуди маркази шаҳр, ҷамоатҳои деҳоти Гули Сурх, Сабристон, Қалъачаи Калон, Ниҷонӣ ва Нофароҷ; **ноҳияи Шаҳристон** пурра;
қароргоҳ – бинои Маркази адлия дар шаҳр, шаҳри Истаравшан, хиёбони И.Сомонӣ, кӯчаи Ғ. Абдуллоев б/р;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 134 618 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Деваштич №24**
**қисми ноҳияи Деваштич** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Ғончӣ, Муҷун, Росровут, Ваҳдат, И. Сомонӣ ва Далёни Боло; **қисми шаҳри Истаравшан** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Пошкент, Чорбоғ, Зарҳалол, Қалъаи Баланд ва Ҷавкандак;
қароргоҳ – бинои Қасри фарҳанги ноҳия ба номи А.Рӯдакӣ, ноҳияи Деваштич, шаҳраки Ғончӣ, кӯчаи И. Сомонӣ 20;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 161 356 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Спитамен №25**
**ноҳияи Спитамен** пурра; **қисми ноҳияи Зафаробод** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти А.Ҷомӣ ва Меҳнатобод; **қисми ноҳияи Деваштич** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Яхтан ва Ғазантарак;
қароргоҳ – бинои китобхонаи маркази ноҳия, ноҳияи Спитамен, шаҳраки Навкат, кӯчаи Спитамен;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 131 864 нафар.

**ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Бохтар №26**
**шаҳрҳои Бохтар ва Левакант** пурра; **қисми ноҳияи Кушониён** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Ориён, Бӯстонқалъа, деҳаҳои Маданият, Гулзор, Ғ. Давлатов, С. Фатоев ва Пахтаободи Ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлол:
қароргоҳ – бинои Коллеҷи махсусгардонидаи аграрӣ дар шаҳри Бохтар, шаҳри Бохтар, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров 27;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 129 640 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Кушониён №27**
**қисми ноҳияи Кушониён** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти И.Сомонӣ, Меҳнатобод, Заргар, Бохтариён, деҳаҳои Навкор, Бофанда, Янги – Юл, Ҷалолиддини Румӣ, 20-солагии Истиқлолият, Зарафшон, Лангар, Нозгул, Меҳробод, Л.Шералӣ, Виён ва Миёндеҳи Ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлол; **қисми ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳотҳои Золи Зар ва Навобод;
қароргоҳ – бинои Раёсати молияи ноҳия, ноҳияи Кушониён, Ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Сино 62;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 138 908 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Абдураҳмони Ҷомӣ №28**
**қисми ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ** дар ҳудуди ҷамоати шаҳрак ва деҳоти Хоҷамастон, Яккатут, Вахшон, Меҳробод, Сайёд ва Хуррамдиёр; ноҳияи **Хуросон** пурра;
қароргоҳ – бинои шуъбаи маорифи ноҳия, ноҳияи А.Ҷомӣ, ҷамоати шаҳраки Хоҷамастон, кӯчаи Сомониён 24;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 154 576 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ёвон №29**
**ноҳияи Ёвон** пурра; **қисми ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Дӯстӣ ва Ифтихор;
қароргоҳ – бинои Ҷамоати шаҳраки Ёвон, ноҳияи Ёвон, кӯчаи М. Турсунзода 42;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 171 339 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ҷалолиддини Балхӣ №30**
**қисми ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ба номи Балх, Маданият ва Ҳалеvard; **қисми ноҳияи Дӯстӣ** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти 20 – солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Чиликул, Навзамин, Нури Вахш ва Деҳқонобод; **қисми ноҳияи Қубодиён** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Заркамар, У.Назаров ва И. Ниёзов;
қароргоҳ – бинои кинотеатри ба номи М.Горкий, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷамоати шаҳраки Балх, кӯчаи Ҷ. Румӣ 29;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 127 985 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Қубодиён №31**
**қисми ноҳияи Қубодиён** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти Қубодиён, Носири Хусрав, Вобканд, Тахти Сангин ва Навобод; ноҳияҳои **Шаҳритус** ва **Носири Хусрав** пурра:
қароргоҳ – бинои Қасри фарҳанги ноҳия, ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати шаҳраки Қубодиён, кӯчаи И.Сомонӣ б/р;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 182 564 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Вахш №32**
**ноҳияи Вахш** пурра; **қисми ноҳияи Кушониён** дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Навбаҳор; **қисми ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ** дар ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Гулистон;
қароргоҳ – бинои Идораи хоҷагии обёрӣ ва беҳдошти замини ноҳия, ноҳияи Вахш, Ҷамоати шаҳраки Вахш, кӯчаи А.Шоев 31;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 152 113 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ҷайҳун №33**
**ноҳияи Ҷайҳун** пурра; **қисми ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Навбаҳор ва Навоӣ; **қисми ноҳияи Панҷ** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Меҳвар ва Намуна; **қисми ноҳияи Дӯстӣ** дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Г.Гулмуродов;
қароргоҳ – бинои Литсейи касбии техникии №34, ноҳияи Ҷайҳун, Ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ, кӯчаи Борбади Марвазӣ 24;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 140 420 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Фархор №34**
**ноҳияи Фархор** пурра: **қисми ноҳияи Панҷ** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти Панҷ, Нури Ваҳдат, К.Сайфиддинов ва Озодагон;
қароргоҳ – бинои шуъбаи маорифи ноҳия, ноҳияи Фархор, Ҷамоати шаҳраки Фархор, кӯчаи Ҳофизи Шерозӣ 4;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 131 458 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ №35**
**ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ** пурра; **қисми ноҳияи Восеъ** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Гулистон ва Миралиобод;
қароргоҳ – бинои шуъбаи маорифи ноҳия, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷамоати шаҳраки Москва, кӯчаи З.Розӣ б/р;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 129 796 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Данғара №36**
**ноҳияи Данғара** ва **шаҳри Норак** пурра;
қароргоҳ – бинои Маркази татбиқи лоиҳаҳои обёрии водии Данғара, ноҳияи Данғара, Ҷамоати шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 34;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 127 696 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Кӯлоб №37**
**шаҳри Кӯлоб** пурра:
қароргоҳ – бинои Муассисаи давлатии «Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи С.Айнӣ дар шаҳри Кӯлоб», шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Исмоили Сомонӣ б/р;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 125 558 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Мӯъминобод №38**
**ноҳияҳои Мӯъминобод, Шамсиддини Шоҳин** ва **Ховалинг** пурра:
қароргоҳ - бинои шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия, ноҳияи Мӯъминобод, Ҷамоати шаҳраки Чорсӯ;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 110 894 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Восеъ №39**
**қисми ноҳияи Восеъ** дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Ҳулбук, А.Авазов, Бобошоҳиён, Тугарак, Заҳматобод ва Х.Раҷабов; ноҳияҳои **Темурмалик** ва **Балҷувон** пурра;
қароргоҳ – бинои Шуъбаи маорифи ноҳия, ноҳияи Восеъ, Ҷамоати шаҳраки Ҳулбук, кӯчаи И. Сомонӣ 34;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 150 964 нафар.

**ДАР ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН**

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Ванҷ №40**
**ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Дарвоз** пурра; **қисми ноҳияи Шуғнон** дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Ваҳдат, Мирзоҷон Ширинҷонов, Сучон, Навобод, Вер ва Ғарибшо Шаҳбозов;
қароргоҳ – бинои Кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия, ноҳияи Ванҷ, ҷамоати деҳоти ба номи М. Абдуллоев, деҳаи Рохарв;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 59 164 нафар;

**Ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Хоруғ №41**
**шаҳри Хоруғ,** ноҳияҳои **Ишкошим, Мурғоб** ва **Роштқалъа** пурра; **қисми ноҳияи Шуғнон** дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Ванқалъа;
қароргоҳ – бинои Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Атобек 16;
шумораи эҳтимолии интихобкунандагон – 51 646 нафар.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон    Б. ХУДОЁРЗОДА**

**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон    Н. САМАДЗОДА**
**ш. Душанбе, 6 декабри соли 2024, №2**

---

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426325 | Муассисаи давлатии дастаи футболи «Клуби маркази варзишии артиш» | Молҳои варзишӣ ва пойафзоли варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 14.12.2024 14:30:00 |
| 2 | 426330 | КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Омода намудани тақвимҳои девории кварталӣ, дафтари қайдҳо, тақвими рӯимизӣ, ручкаи пластикии «Эко», блокноти спиралдори «Эко», блокноти спиралдори «Эко» (хурд), хушбӯӣ барои мошин, пакети коғазӣ, конверт бо равзанаи шаффоф, термос ва usb флеш | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 14.12.2024 14:45:00 |
| 3 | 426324 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» | «Корҳои барқарорсозӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ дар қисмати чапи сатҳи поёнии сарбанди НБО-1 силсиланерӯгоҳҳои Варзоб аз ПК0+00 то ПК1+34» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.12.2024 15:18:27 |
| 4 | 426327 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашӣ оиди таъмиру барқарорсозии бинои мавҷудаи шуъбаи КҲФ ва МГ дар ноҳияи Кӯшониён | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.12.2024 16:20:00 |
| 5 | 426295 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, таҷҳизоти техникӣ, молҳои масрафшаванда ва барномаи зиддивирусӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 24.12.2024 17:45:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

---

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**20 декабри соли 2024 музоядаи № 59-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

**1. Опел астра G, рақами тартибӣ - 42, соли барориш - 2001-2004. Нархи ибтидоӣ - 22000 сомонӣ;**
**2. Опел Зафира, рақами тартибӣ - 23, соли барориш - 2001-2004. Нархи ибтидоӣ - 21000 сомонӣ;**
**3. Опел Зафира, рақами тартибӣ - 42, соли барориш - 2001-2004. Нархи ибтидоӣ - 26000 сомонӣ.**

**Эзоҳ:** Автомашинаҳои ба фурӯш пешниҳодгардида дар ҳолати таъмирталаб, бо қисмҳои корношоями бордон, бе чархи эҳтиётӣ, аккумулятор, шиносномаи техникӣ ва рақами қайди давлатӣ, рангашон дар офтоб сӯхтагӣ, бо рақамҳои Вин Коди бордони аслии баъзе автомашинаҳо тарошидашуда қарор доранд. Автомашинаҳои мазкур дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд нигоҳ дошта мешаванд.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10.00** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

---

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**20 декабри соли 2024 музоядаи № 36-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд**

**- Опел-Астра, рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ - 649 ХА 08, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 1994, мансуб ба Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Сангвор. Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ;**

**- Тойота Ланд Крузер С-105, рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ - 03-00 Е 01 РТ, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2005, мансуб ба Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и минтақаи Ҳисори Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нархи ибтидоӣ - 15000 сомонӣ;**

**- КИА Прежо, рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ - 8, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2005, мансуб ба Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Рӯдакӣ. Нархи ибтидоӣ - 4500 сомонӣ;.**

**- Нива Шевролет, рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ - 774 ХЕ 07, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ 2003, мансуб ба Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Рӯдакӣ. Нархи ибтидоӣ - 8000 сомонӣ;**

**- Газ – 3102, рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ -14-44 В РТ 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 1998, мансуб ба Раёсати молия дар ноҳияи Сино. Нархи ибтидоӣ - 4100 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10.00** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

---

## ДАРАК ДИҲЕД!

Шаҳрванд Тулянов Александр Алихонович (санаи таваллудаш – 9 сентябри соли 1983, миллаташ – қазоқ)-ро, ки бо суроғаи шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 13, бинои 4, хонаи 84, истиқомат мекард, ҳамсараш Саипова Фарзона Юсуфовна - дорандаи шиносномаи рақами миллии 3500089858860, истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд, кӯчаи А. Умаров, хонаи 55, ҷустуҷӯ дорад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Тулянов Александр Алихонович маълумоте доранд, хоҳишмандем тавассути телефони 92-735-33-66 хабар диҳанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 15 январи соли 2009, таҳти қайди 8589, рақами электронии 27769 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Мирзо Турсунзода, деҳаи Садоқат ба Нурова Миколгул додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 126, хонаи 19, ба Асалов Нуралӣ Наврузович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 126, хонаи 19, ба Асалов Нуралӣ Наврузович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 126, хонаи 19, ба Асалов Нуралӣ Наврузович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд 12 сентябри соли 2023 ба Исмоилов Турсунбой Тӯраевич (РЯМ 5130293979) додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «МС Бахтиёр» (РЯМ 0510009720, РМА 050015435), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат 15 ноябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Қувваи техника» (РЯМ 0110001366, РМА 010026630), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 9 октябри соли 2009 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Давлатов Камолудин Ғаниевич (РЯМ 0130185431), ки дорои Шаҳодатнома бо шартҳои махсус барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ буда, дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 13 июли соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

---

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 9 декабри соли 2024, соати 11:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33035 нусха*

Навбатдори шумора
Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97